# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 18.06.2024, №____

Барои сазовор донистани Шарипов Шариф Раҳмонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик)

Диссертатсияи Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи "Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) рӯзи 27.02.2024 (суратмаҷлиси №12) аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) барои ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Шарипов Шариф Раҳмонович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Соли 1997 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси филолог, омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик бо дипломи "аъло" хатм кардааст.

Соли 2015 диссертатсияи номзадии худро дар мавзуи "Абдунабии Фахруззамонии Қазвинӣ ва аҳаммияти адабии тазкираи "Майхона"-и ӯ" дар шурои диссертатсионии Д. 737.004.03 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дифоъ намудааст.

Шарипов Шариф Раҳмонович аз соли 2014 то ба ҳол дар кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Диссертатсия дар шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ Суфизода Шодимуҳаммад Зикриёпур.

**Муқарризони расмӣ:**

1. Салимӣ Носирҷон Юсуфзода – доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Тоҷикистон, узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара.
3. Ашурова Нодира Ҷумаевна – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров".

Мутобиқи муҳтавои тақризи мусбати муассисаи тақриздиҳанда, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Султонзода Тоҷибой Султонӣ, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Нуров Нуралӣ Норович, мудири кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Ҳоҷиев Абдуфаттоҳ Қосимович, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Нуруллоева Мухлиса Нусратуллоевна ва бо имзову муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Усмонзода Аюб Ислом пешниҳод шудааст. Диссертатсияи доктории Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи "Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида ва ба талаботи бандҳои 32-35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) сазовор аст.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки муқарризони расмӣ ва омӯзгорони муассисаи пешбар мутахассисони бевоситаи соҳаи филология буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳо таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 31 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз он 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақола дар маҷаллаву маҷмуаҳои дигари илмӣ ба нашр расидаанд.

I. **Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Шарипов Ш.Р. Хостгоҳи вижагиҳои бунёдии шеър ва хусусиятҳои забони шеъри Зуҳурӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов //Паёми Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. - Душанбе: ДДЗТ, 2020. - № 1(37). - С. 57-61.

[2-М]. Шарипов Ш.Р. Мусиқоии ғазалиёти Зуҳурӣ - навъе аз композитсияи ифодаи матлаб [Матн] / Ш.Р.Шарипов //Паёми Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. - Душанбе: ДДЗТ, 2020. - № 2(38). - С. 63-68.

[3-М]. Шарипов Ш.Р. Корбурди истиора дар ғазалиёти Зуҳурӣ [Матн] / Ш.Р. Шарипов // Маҷ.Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.-Душанбе, 2020. - № 5(88). - С.139-143.

[4-М]. Шарипов Ш.Р. Мизони таъсирпазирии Зуҳурӣ аз Ҳофиз дар эҷоди ғазал [Матн] / Ш.Р. Шарипов // Маҷ.Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.-Душанбе: ДДОТ, 2021. - № 1(90). - С.162-170.

[5-М]. Шарипов Ш.Р. Доғ – мазмунсозтарин унсури шеъри Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов // Маҷ.Ахбори ДДҲБСТ. -Хуҷанд, 2021. - № 2(87). - С.74-82.

[6-М]. Шарипов Ш.Р. Инъикоси «май» ҳамчун воситаи ифодаи матлаб дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов //Паёми Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. - Душанбе: ДДЗТ. 2021. - № 2(42). - С.141-145.

[7-М]. Шарипов Ш.Р. Корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов //Паёми Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. - Душанбе: ДДЗТ, 2021. - № 3(43). - С.109-117.

[8-М]. Шарипов Ш.Р. Консепсияи тахайюли адабии зирӯҳангории мазоҳири табиат ва ашё дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов //Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.-Душанбе: ДДОТ, 2021. - № 4(93).- С.249-254.

[9-М]. Шарипов Ш.Р. Корбурди шигардҳои ҳанҷоршиканӣ ва ошноизудоӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (силсилаи филология). - Душанбе: ДМТ, 2021. - № 4(38). - С.61-71.

[10-М]. Шарипов Ш.Р. Сохторшикании Зуҳурии Туршезӣ дар талмеҳ [Матн] / Ш.Р.Шарипов //Маҷ.Ахбори ДДҲБСТ. - Хуҷанд, 2021. - № 4(89). - С.52-63.

[11-М]. Шарипов Ш.Р. Маконсозӣ ва хилватгузинии адабӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Шарипов Ш.Р.//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (силсилаи филология). - Душанбе:ДМТ. 2021. - № 5(39). - С.174-180. ISSN 2413-516X

[12-М]. Шарипов Ш.Р. Баррасии мабонии ахлоқӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов //Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.-Душанбе: ДДОТ, 2021. - № 5(94).- С.153-156.

[13-М]. Шарипов Ш.Р. Таъсири Зуҳурии Туршезӣ бар Ғолиби Деҳлавӣ дар эҷоди ғазал [Матн] / Ш.Р.Шарипов //Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.-Душанбе: ДДОТ, 2021. - № 5(94).- С.165-169.

[14-М]. Шарипов Ш.Р. Рехтшиносии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов //Паёми Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. - Душанбе: ДДЗТ, 2022. - № 1(45). - С.118-130.

[15-М]. Шарипов Ш.Р. Корбурди қофия ва радиф дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (силсилаи филология). - Душанбе:ДМТ. 2022. - № 2. – 220-229.

[16-М]. Шарипов Ш.Р. Ҳисомезӣ ва тасвирҳои парадоксӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов //Паёми Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. - Душанбе: ДДЗТ, 2022. - № 2(46). - С.117-122.

[17-М]. Шарипов Ш.Р. Корбурди вобастаҳои ададӣ ва воҳидҳои ибтикорӣ дар шеъри Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов //Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.- Душанбе: ДДОТ, 2022. - № 3(98).- С.173-178.

[18-М]. Шарипов Ш.Р. Бозтоби адабии намоди ранг дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов //Паёми Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. - Душанбе: ДДЗТ, 2022. - № 3(47). - С.100-109.

[19-М]. Шарипов Ш.Р. Ҷилваҳои адабии сулҳу башардӯстӣ дар ашъори Саъдии Шерозӣ ва Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов // Паёми Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. - Душанбе: ДДЗТ, 2022. - № 4(48). - С.120-125.

[20-М]. Шарипов Ш.Р. Корбурди авзони шеърӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов // Паёми Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. - Душанбе: ДБЗХТ, 2023. - № 1(49). - С.186-196.

[21-М]. Шарипов Ш.Р. Мавзуъҳои иҷтимоӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов // Паёми Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. - Душанбе: ДБЗХТ, 2023. - № 3(51). - С.197-203.

**II. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмии зер ироа гардидааст:**

[22-М]. Шарипов Ш.Р. Ҳамбастагии оҳанг ва маъно дар ғазалиёти Зуҳурӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов //Пайванди пажуҳиш. Маҷмуи мақолаҳо бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ (Хуҷанд: Ношир, 2021). - С.47-57.

[23-М]. Шарипов Ш.Р. Вижагиҳои забонии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов, М.Ҷ.Калонова // Маводди конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Сиёсати давлатии забон дар даврони истиқлол» (Душанбе, 1 октябри соли 2021). - С.81-85.

[24-М]. Шарипов Ш.Р. Ҷилваҳои сулҳу башардӯстӣ дар ашъори Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ таҳти унвони «Аҳаммияти байналмилалии сулҳи тоҷикон», шаҳри Душанбе, 24 июни соли 2022. – С.194-203.

[25-М]. Шарипов Ш.Р. Тасвири адабии ишқ дар ғазалиёти Ҷалолуддини Балхӣ ва Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Нақши осори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ-Румӣ дар ҳамгироии фарҳангии кишварҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ», Душанбе. 23.09.2023. - С.174-188. (ҳаммуаллифӣ)

[26-М]. Шарипов Ш.Р. Тобишҳои услубию маъноии вожаи «ранг» (colore) дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов //Забон дорӣ - ҷаҳон дорӣ. Маводди конференсияи илмию амалӣ дар мавзуи «Саҳми Пешвои миллат дар тақвияти нақши забони тоҷикӣ дар арсаи байналмилалӣ», бахшида ба рӯзи байналмилалии забони модарӣ, 35-солагии Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30-солагии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва 70-солагии Корманди шоистаи Тоҷикистон Шокириён Туғрал Сироҷзода. – Хуҷанд, 10.03.2023. – С. 588-597.

[27-М]. Шарипов Ш.Р. Хусусиятҳои хоси ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов //Маҷ.Паёми Донишкадаи забонҳо. - Душанбе: Лингвопарк, 2017. - № 1(25). - С.81-91.

[28-М]. Шарипов Ш.Р. Равишҳои ошноизудоӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ [Матн] / Ш.Р.Шарипов //Маҷ.Паёми Донишкадаи забонҳо.- Душанбе: Лингвопарк, 2017. - № 2-3(26-27). - С.40-52.

[29-М]. Шарипов Ш.Р. Мактаби тарбияти Зуҳурии Туршезӣ (андешаҳои ахлоқӣ-педагогии шоир) [Матн] / Ш.Р.Шарипов // Маводди конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами назария ва амалияи тадқиқоти педагогӣ: дурнамои рушди он дар замони муосир», Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Душанбе. 19.10.2023. - С.150-156. (ҳаммуаллифӣ)

[30-М]. Шарипов Ш.Р. Таъсири Зуҳурӣ бар Ғолиби Деҳлавӣ дар эҷоди ғазал [Матн] / Ш.Р.Шарипов // Маҷмуи мақолоти ҳамоиши байналмилалии филологии кишварҳои форсизабон, Туркия. 15-17.12.2023. – С.328-333. (ҳаммуаллифӣ)

[31-М]. Шарипов Ш.Р. Муқоисаи матнии баъзе абёти девони ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ (бар мабнои нусхаи хаттии тоҷикистонӣ ва чопи теҳронӣ) [Матн] / Ш.Р.Шарипов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии «Масъалаҳои мубрами суханшиносӣ дар ҳавзаҳои илмӣ ва адабии Осиёи Марказӣ» (Хуҷанд, 17-18-уми ноябри соли 2023). – С. 326 -332.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид гардидаанд:**

1. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович мусбат буда, дар он чунин эродҳо зикр шудааст:

– Дар автореферати диссертатсия ғалатҳои услубӣ, техникӣ ва имлоӣ мавҷуданд (автореферат, с. 6, 8, 9, 14, 15, 27, 28).

– Бахшҳои “Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ” ва “Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ” бояд каме муфассалтар баён мешуданд. Зеро бо дарназардошти мазмун ва муҳтавои автореферати

диссертатсия сатҳи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ баланд буда, дар ин замина, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ низ назаррас аст (автореферат, с. 32).

– Фасли “Таъсири Зуҳурии Туршезӣ ба Калими Кошонӣ ва Ғании Кашмирӣ” бояд каме такомул ёбад (автореферат, с. 50-51).

2. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов С.Саъдиев мусбат буда, дар он чунин эродҳо қайд шудаанд:

– Хулосаҳои илмии муҳаққиқ дар 30 банд ифода шудаанд, ки зиёд ба назар мерасанд (автореферат, с. 55-59). Метавон якчанд хулосаро маҷмуъ кард.

– Дар поварақҳо номи истинод аз рақами як сар намешаванд (автореферат, ҳамаи поварақҳо). Яъне, маъхазҳо аз 1 сар карда, то 265 қатор оварда шудаанд. Бояд ҳар як саҳифа аз 1 сар шавад.

– Дар бораи рӯзгори шоир каме иттилои муфассалтар лозим буд. Дар автореферати диссертатсия ҳамагӣ як сархат (иборат аз 4 ҷумла) дар бораи шахсияти шоир маълумот асту халос (автореферат, с. 55-59).

3. **Тақризи** ба автореферат навиштаи доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавоии МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» Низомӣ Муҳриддин Зайниддин мусбат буда, дар он чунин эродҳо қайд шудаанд:

– Дар автореферати диссертатсия ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасанд (автореферат, с. 6, 9, 14, 19, 24, 27, 55).

– Ба назари мо, фасли “Таъсири Зуҳурии Туршезӣ ба Калими Кошонӣ ва Ғании Кашмирӣ” пажуҳиши бештарро тақозо менамояд (автореферат, с. 50-51).

4. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Салими Хатлонӣ мусбат буда, дар он чунин эродҳо қайд шудаанд:

– Дар номи диссертатсия “Масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ” омадааст, ки ба фикри мо, ба ҷойи “навъи шеърӣ” корбурди “жанри шеърӣ” дурусттар аст (автореферат, с. 1).

– Бар ивази “Тасвири шоиронаи инсон дар ғазалиёти шоир” беҳтар мешуд, номи фаслро “Тасвири шоиронаи инсони комил дар ғазалиёти шоир” гӯем (автореферат, с. 36).

– Фасли “Таъсири Зуҳурии Туршезӣ ба Калими Кошонӣ ва Ғании Кашмирӣ” такмил мехоҳад (автореферат, с. 50-51).

Муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсони диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии

доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) сазовор донистанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқоти илмӣ:**

**муайян намудааст**, ки мавзуи асосии ғазалиёти Зуҳурии Туршезиро ишқ ташкил карда, дар ғазалиёти ӯ мафҳуми «ишқ» чанд ҷанба дошта, истиораи ишқ корбурди тозаи бадеӣ гирифтааст;

**собит сохтааст**, ки дар ғазалиёти шоир ҳамаи истиораҳои тавассути вожаи «ишқ» сохташударо метавон ба манфӣ, мусбат ва дуваҷҳа тақсим кард; Дар меҳвари ишқи илоҳии Зуҳурии Туршезӣ «аҳди аласт» - назарияи азалияти ишқ, қарор дорад;

**муқаррар кардааст**, ки дар ашъори шоир вожаҳои хамрия, аз ҷумла «май» ба маънии аслӣ ва маҷозӣ ба кор рафтаанд;

**исбот намудааст**, ки мавзуъҳои иҷтимоӣ дар ғазалиёти шоир аз риндӣ, васӯхт, омӯзиши ҳунар, дурӣ аз ватан, эътироз аз олам, оппозитсияи ақлу ишқ иборат буда, дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ нисбат ба дигар афкори ахлоқӣ таранннуми инсонсоларӣ, сулҳ ва дӯстӣ бештар аст;

**ошкор намудааст**, ки тасвири табиат дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ ба се навъ: шоирона, иҷтимоъгароёна ва зируҳангорона тақсим мешавад;

**муқаррар намудааст**, ки андешаҳои шоир роҷеъ ба маншаи офариниши инсон ва нақши ӯ дар олам дар асоси фалсафаи исломӣ сурат гирифтааст;

**ошкор кардааст**, ки ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ аз ҷиҳати композитсионӣ ба навъи пароканда марбутанд, ки дар онҳо воқеа такомул намеёбад ва ба таври статикӣ изҳор мешавад;

**муайян сохтааст**, ки шоир дар матлаъсароӣ ба муҳтаво ва форм, мустақилӣ, қофия, санъатҳои бадеӣ ва ҳунарсозаҳо, маонии шеърӣ, тасвир, латифию марғубӣ таваҷҷуҳи зиёд дода, байти мақтаъ дар ғазалиёти шоир тибқи талаботи архитектоникаи ғазал эҷод гардида, дар аксари онҳо тахаллуси шоир зикр шудааст. Дар ғазалиёти шоир ба ҳусни тахаллус низ диққати хоса дода шуда, Зуҳурии Туршезӣ тавассути хитоб ба худ афкори хешро иброз доштааст;

**таҳқиқ кардааст**, ки дар ғазалиёти шоир муҳтаво ба вазн мутобиқати комил дошта, дар онҳо корбурди бештари авзони ношод ба назар мерасад ва ҳар яке аз авзони шеърӣ дар ғазалиёти шоир дорои мусиқӣ ва ҳолати хосест, ки ин мусиқӣ барои осонтар шудани ифодаи маъно корбаст шудааст;

**пажуҳиш кардааст**, ки шоир дар баёни матлаб аз баҳрҳои рамалу ҳазаҷу раҷаз бештар баҳра ҷуста, баҳрҳои сареъ, мунсареҳ, хафифу муҷтас ва музореъро камтар истифода кардааст ва мусиқии дарунии ғазалиёти шоир тақвиятбахши маъно буда, иртиботи қавии садоноку ҳамсадо дар эҷоди мусиқӣ боиси тадоии маъноӣ дар ғазалиёти ӯ гардидаанд;

**собит гардонидааст**, ки қофия дар композитсия, мусиқоӣ ва ифодаи матлаб дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ омили муҳимми таҳрик ва таъкид аст. Зуҳурии Туршезӣ дар корбурди қофия ва радиф низ аз пештозони шуарои асри худ буда, ҷиҳати устуворӣ ва хушоҳангии мусиқии канории шеър аз радифҳои баланду ибтикорӣ, ишоравӣ, хушоянд ва радифҳои феълӣ ва сохта аз ҳуруфи илҳоқӣ баҳра гирифтааст;

**таҳқиқ кардааст**, ки Зуҳурии Туршезӣ тавассути сохторшиканӣ ва ошноизудоӣ дар талмеҳ низ мазмунҳои тоза офаридааст;

**муқаррар намудааст**, ки тасвири шоиронаи ашё ва ифодаи тобишҳои услубию маънoии онҳо дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ тавассути шигардҳои адабӣ: андозагирӣ, савтомезӣ, барҷастасозӣ, дигардесӣ ба ашё ифода ёфтааст;

**исбот намудааст**, ки аз ҳашт навъи ҳанҷоргурезӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ чор навъи он: вожагонӣ, наҳвӣ, маъноӣ, сабкӣ истифода гардидааст. Дар ғазалиёти шоир ду ҷараёни ҳанҷоргурезӣ - марказияти истиораи феълӣ ва меҳварияти истиораи исмӣ назаррас аст;

**ошкор намудааст**, ки тасвирҳои зиёди мутаноқиз дар ғазалиёти шоир гувоҳи он мебошанд, ки ӯ дар тасвир аз меъёрҳои муқаррарию қолабӣ даст кашида, услуби тозаи тасвирофаринии худро пайдо кардааст. Таъсири ғазалиёти шоир бар эҷодиёти Бедили Деҳлавӣ, Калими Кошонӣ, Ғании Кашмирӣ ва Ғолиби Деҳлавӣ назаррас аст;

**Асосҳои назарии таҳқиқ дар он нукта хулоса шудааст,** ки довталаби дараҷаи илмӣ бо истифода аз назару ақидаҳои илмии муҳаққиқон мавзуи таҳқиқро дар заминаи меъёрҳои маъмулии шинохт ва равишҳои анъанавии илмӣ мавриди пажуҳиш қарор додааст.

**Дар иртибот ба масъалаҳои диссертатсия аз чунин усулҳои гуногуни назарии таҳқиқи адабиётшиносӣ самаранок истифода шудааст:** муқоисавӣ-таҳлилӣ, муқоисавӣ-оморӣ, суратгароӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, поэтикаи таърихӣ, сохториву бадеӣ.

**Зикр шудааст, ки асосҳои назарӣ ва амалии омӯзиши мавзуъ** ба омӯзишу дарки масъалаи ҷанбаҳои поэтикии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ, нақши ғазалиёти шоир дар таҳаввул ва такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд **кумак менамояд**. Таҳқиқи мавзуи мазкур дар муайян кардани мақоми шоир дар густараи адабиёти форсии тоҷикӣ **мусоидат менамояд**.

**Муайян карда шудааст,** ки нақши ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд назаррас буда, бидуни омӯзиши ин мавзуъ шинохти рушди ғазал дар садаҳои мазкур мукаммал нахоҳад буд.

Масъалаи ҷанбаҳои поэтикии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ, нақши ғазалиёти шоир дар таҳаввул ва такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд **омӯхта шудааст.**

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти бадастовардаи довталаб бо он тасдиқ карда мешавад, ки:**

**натиҷаҳои таҳқиқот** метавонанд дар навиштани таърихи таҳаввул ва такомули ғазал дар садаҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд, сабки ҳиндӣ ва марҳили инкишофи он, дар таҳияи китобҳои адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, назмшиносӣ, илми бадеъ, фарҳангу мардумшиносӣ ва ахлоқ мавриди истифода қарор гиранд. Ҳамчунин, маводди ин рисоларо метавон дар иншои китобҳои дарсӣ, таърихнигории адабиёти форсии тоҷикӣ, адабиёти форсизабони Ҳиндустон, таърихи афкори фалсафӣ, фарҳангномаҳо, фарҳанги таркиб ва таъбирҳои шоирона, забони ғазал, сабкшиносӣ, рисолаҳои илмӣ.

рисолаҳои хатм, магистрӣ ва корҳои курсӣ, таҳияи лексия барои донишҷӯёни факултетҳои филологӣ, курсҳои махсуси адабиётшиносӣ, назмшиносӣ, каломи бадеъ ва маҳфилҳои мухталифи илмию адабии бахшида ба осори суханварони сабки ҳиндӣ истифода кард.

Мақоми Зуҳурии Туршезӣ дар густараи адаби форсии тоҷикӣ ва дар таҳаввул ва такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд **муайян карда шудааст**.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд,** ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмию назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби равишҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Ғояҳо дар заминаи** сарчашмаҳои муътамади илмӣ асос ёфтаанд.

Ҳангоми ғавру баррасии масъалаи мавриди назар осори олимони ватаниву хориҷӣ, ба мисли Эдвард Браун, Ян Рипка, Ғ.Ю.Алиев, Н.И. Пригарина, М.Л. Рейснер, А.Н. Ардашникова, Забеҳуллоҳи Сафо, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Шафеии Кадканӣ, Асғари Бобосолор, Алинақии Мунзавӣ, Тавфиқи Субҳонӣ, Ҷалили Таҷлил, Саидаи Парниён Дарёборӣ, Назир Аҳмад, А.Сатторзода, Ш.З.Суфизода, А.Насриддинов, Б.Мақсудов, Н.Салимӣ, З.А.Ғаффорова, У.Юсуфӣ, Н.Нуров ва дигарон **истифода шудааст.**

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқи масъалаи мазкур дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ аз нуқтаи назари ҷанбаҳои мавзуию поэтикӣ ба риштаи таҳлил кашида шуда, дар заминаи сохтор (вазн, қофия, радиф), мавзуъ, вижагиҳои сабкӣ ва воситаҳои тасвир нақши шоир дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд нишон дода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад.** Диссертатсия дар шакли гузориши маъруза ва мақолаҳо интишор гардида, тавассути маҷаллаҳо, маҷмуаҳои дастаҷамъӣ, маҷаллаҳои тақризшавандаи донишгоҳҳо ва институтҳои пажуҳишӣ ба китобхонаҳои асосии илмӣ дар дарсҳои назарию амалӣ ва мустақилонаи факултетҳои филологӣ аз ҷониби донишҷӯён, магистрантон, докторантони PhD, унвонҷӯён ва омӯзгорон истифода мешавад.

**Натиҷаҳои таҳқиқот** метавонанд дар навиштани таърихи таҳаввул ва такомули ғазал дар садаҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд, сабки ҳиндӣ ва марoҳили инкишофи он, дар таҳияи китобҳои адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, назмшиносӣ, илми бадеъ, фарҳангу мардумшиносӣ ва ахлоқ мавриди истифода қарор гиранд. Ҳамчунин, маводди ин рисоларо метавон дар иншои китобҳои дарсӣ, таърихнигории адабиёти форсии тоҷикӣ, адабиёти форсизабони Ҳиндустон, таърихи афкори фалсафӣ, фарҳангномаҳо, фарҳанги таркиб ва таъбирҳои шоирона, забони ғазал, сабкшиносӣ, рисолаҳои илмӣ, рисолаҳои хатм, магистрӣ ва корҳои курсӣ, таҳияи лексия барои донишҷӯёни факултетҳои филологӣ, курсҳои махсуси адабиётшиносӣ, назмшиносӣ,

каломи бадеъ ва маҳфилҳои мухталифи илмию адабии бахшида ба осори суханварони сабки ҳиндӣ истифода кард.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 18-уми июни соли 2024 дар бораи ба Шарипов Шариф Раҳмонович додани дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри 2022, № 307/шд ба ҳайати шуро ворид шудаанд, 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – 1.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ** **Шарифзода Ф.Х.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ** **Юсуфов У.А.**

**18. 06. 2024**